ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҚАРОР

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ТЕЗОНИДАНИ РАФТИ РЕСТРУКТУРИЗАТСИЯИ СУБЪЕКТҲОИ МОНОПОЛИЯИ ТАБИӢ ВА КОРХОНАҲОИ МАХСУСАН КАЛОН

Бо мақсади иҷрои Нақшаи стратегии хусусигардонии корхонаҳои миёнаю калон ва реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон, рафъи камбудиҳо дар фаъолияти онҳо ва баланд бардоштани самараи истеҳсолот, мутобиқи моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Комиссия оид ба масъалаҳои реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон аз рӯи вазифа мувофиқи замимаи 1 ташкил карда шавад.

2. Низомномаи Комиссия оид ба масъалаҳои реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон ва Дастурамали тартиби гузаронидани реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон мувофиқи замимаҳои 2 ва 3 тасдиқ карда шаванд.

3. Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон якҷоя бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири нимсолаи аввали соли 2005 нақшаҳои инфиродии реструктуризатсияи корхонаҳои худро тайёр намуда ба баррасии Комиссияи мазкур пешниҳод намоянд.(Карори Хукумати ЧТ аз 28.12.2006 № 590)

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 2 апрели соли 2005 № 125
ш. Душанбе

Замимаи1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 апрели с. 2005 № 125

ҲАЙАТИ

## КОМИССИЯ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ РЕСТРУКТУРИЗАТСИЯИ СУБЪЕКТҲОИ МОНОПОЛИЯИ ТАБИӢ ВА КОРХОНАҲОИ МАХСУСАН КАЛОН

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Комиссия;

Раиси Кумитаи давлатии сармоягузори ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини Раиси Комиссия.(Карори Хукумати ЧТ аз 28.12.2006 № 590)

Аъзои Комиссия:

Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазири нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
(Карори Хукумати ЧТ аз 28.12.2006 № 590)